Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Дар хусуси ворид кардани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон»

Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон **қарор мекунад:**

Ба Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 6 маи соли 1994 «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон» (Ахборотномаи Шўрои Олии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, соли 1994, рақами 5, моддаи 140) тағйироту иловаҳо ворид карда, таҳрири нави он тасдиқ карда шавад (Матн пешкаш карда мешавад).

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**
**И.КАРИМОВ,**

шаҳри Тошканд, 13 декабри соли 2002.

Қонуни Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон

(Таҳрири нав)

## 1. Нуктаҳои умумӣ

**Моддаи 1. Мақсади қонуни мазкур**

Қонуни мазкур муносибатро дар соҳаи муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ, муассисаҳо (минбад мақомоти давлатӣ номида мешавад) танзим мегардонад.

**Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи муроҷиати шаҳрвандон**

Қонунгузорӣ дар бораи муроҷиати шаҳрвандон аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузорӣ иборат аст.

**Моддаи 3. Ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба муроҷиат**

Шаҳрвандони Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҳуқуқи муроҷиат карданро ба мақомоти давлатӣ бо ариза, таклифу мулоҳизаҳо ва шикоятҳо доранд.

Амалӣ гардондани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муроҷиат набояд ҳуқуқҳо озодиҳо ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон, ҷамъият ва давлатро халалдор созад.

Шаҳрвандони давлатҳои хориҷа ва шахсони бетабаа ҳуқуқи муроҷиат карданро ба мақомоти давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон мувофиқи Қонуни мазкур доранд.

Муносибатҳо дар соҳаи муроҷиати шаҳрвандон ба мақомоти худидораи шаҳрвандон мувофиқи тартибе танзим гардонда мешавад, ки Қонуни мазкур муқаррар кардааст.

Мувофиқи Қонуни мазкур муроҷиати шаҳрвандоне ба баррасӣ мансуб нест, агар дар дигар санадҳои қонунгузорӣ тартиби дигари баррасии онҳо нишон дода нашуда бошад.

**Моддаи 4. Шакли муроҷиати шаҳрвандон**

Муроҷиати шаҳрвандон дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ пешкаш карда мешавад. Шаклҳои хаттиву шифоҳии муроҷиати шаҳрвандон аҳамияти якхела доранд. Муроҷиати шаҳрвандон метавонад инфиродӣ ва ҷамоавӣ бошад.

**Моддаи 5. Намудҳои муроҷиати шаҳрвандон**

Муроҷиати шаҳрвандон дар шакли ариза, таклифу мулоҳиза ва ё шикоят буданаш мумкин аст.

Ариза-муроҷиати шаҳрванд бо дархост дар бобати расондани мадад оиди ба рўи об баровардани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии он мебошад.

Таклиф-муроҷиати шаҳрвандест, ки тавсияҳоро оид ба такмил додани фаъолияти давлативу ҷамъиятӣ дар бар гирифтааст.

Шикоят-муроҷиати шаҳрвандон бо талабҳои барқарор кардани халалдоршавии ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон мебошад.

**Моддаи 6. Талабҳое, ки нисбати муроҷиати шаҳрвандон пеш гузошта мешаванд**

Дар муроҷиати шаҳрвандон бояд номи авлодӣ (ном, номи падарӣ), маълумот дар бораи ҷои истиқомати шаҳрванд нишон дода, моҳияти ариза, таклифу шикоят изҳор гардад.

Муроҷиати хаттӣ бояд бо имзои муроҷиаткунанда тасдиқ гардад. Дар мавриди номумкин будани гузоштани имзои шахсии муроҷиаткунанда он бояд бо имзои таҳиягари он баробари нишон додани номи авлодӣ (ном, номи падариаш) тасдиқ гардад.

Дар муроҷиати хаттие, ки номи авлодӣ (ном, номи падарӣ), маълумот дар бораи маҳалли истиқомати шаҳрванд нишон дода нашудаанд ва ё маълумотҳои бардурўғ аз хусуси ў ҷой гирифтаанд, ҳамчунин бо имзои дигар тасдиқ гардидаанд, беасос ҳисобида мешаванд ва ба баррасӣ мансуб нестанд.

**Моддаи 7. Муроҷиати шаҳрвандон ба воситаҳои ахбори оммавӣ**

Муроҷиати шаҳрвандоне, ки ба мақомоти давлатӣ аз редаксияҳои рўзномаҳо, маҷаллаҳо, телевизион, радио ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ расидаанд, мувофиқи тартибе баррасӣ мегарданд, ки Қонуни мазкур пешбинӣ кардааст.

Муроҷиати шаҳрвандоне, ки ба воситаҳои ахбори оммавӣ ирсол гардиданд, метавонад барои омўзиш ва акси афкори ҷамъиятӣ мувофиқи қонунгузорӣ дар бораи воситаҳои ахбори оммавӣ истифода гарданд.

**Моддаи 8. Қабули шаҳрвандон**

Дар мақомоти давлатӣ қабули шаҳрвандон ба роҳ монда мешавад. Қабули шаҳрвандонро сарвар ва ё дигар шахсони мансабдор ба рўи об мебароранд. Ба ҳамин мақсад дар мақомоти давлатӣ ташкилоти сохтории махсус созмон дода, шахсони масъуле муайян мегарданд, ки барои қабули шаҳрвандон масъуланд.

Қабул дар рўзу соати муқарраршуда, дар вақти барои шаҳрванд қулай амалӣ мегардад. Нақшаи қабул ба шаҳрванд расонда мешавад.

Ҳини муроҷиати шифоҳӣ шаҳрванд бояд ҳуҷҷатеро тақдим намояд, ки шахсияти ўро тасдиқ менамояд.

Ба қабули шаҳрванд розигӣ додан мумкин нест, ба шарте ки вай чандин маротиба муроҷиат кардаасту талабаш беасос мебошад, ҷиҳати қонунӣ надорад ва ё аз рўи ин муроҷиат кайҳо қарор қабул гардидааст.

Тартиби қабули шаҳрвандонро дар мақомоти давлатӣ сарварони он муқаррар мекунанд.

**Моддаи 9. Коргузорӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон**

Коргузорӣ оид ба муроҷиати шаҳрвандон дар мақомоти давлатӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ пеш бурда мешавад.

## II. Кафолатҳо ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба муроҷиат

**Моддаи 10. Ихтиёрӣ будани истифодабарии ҳуқуқи шаҳрвандон ба муроҷиат**

Ҳуқуқи шаҳрвандон ба муроҷиат ихтиёрона амалӣ гардонда мешавад. Ягон кас барои иштирок кардан ба амалиёти ҳифзи ягон муроҷиат ва ё ба муқобили он маҷбур карда намешавад.

**Моддаи 11. Роҳ нагузоштан ба паст задан ва ё истифода бурдани ҳуқуқи шаҳрванд ба муроҷиат**

Ба паст задани ҳуқуқи шаҳрвандон ба муроҷиат вобаста ба ҷинс, наҷод, миллат, забон, дин, вазъи иҷтимоӣ, эътиқод, вазъи шахсиву ҷамъиятии шаҳрванд роҳ гузошта намешавад.

**Моддаи 12. Ҳатмӣ будани қабулу баррасии муроҷиати шаҳрвандон**

Муроҷиати шаҳрвандон ба қабулу баррасии ҳатмӣ мансуб аст, ба ғайр аз мавридҳое, ки дар қисми сеюми моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд.

Шаҳрвандон аз болои беасос рад гардидани қабулу баррасии муроҷиатномаашон мувофиқи тартиби тобеияти мақомот ва ё бевосита ба суд шикоят карданашон мумкин аст.

**Моддаи 13. Роҳ нагузоштан ба эълон кардани маълумотҳое, ки ба муносибати муроҷиати шаҳрвандон ошкор гардидаанд**

Ҳангоми баррасии муроҷиати шаҳрвандон ба аз тарафи корманди мақомоти давлатӣ эълон кардани маълумотҳо дар хусуси ҳаёти шахсии шаҳрванд бидуни розигии вай, ҳамчунин маълумотҳое, ки сирри давлатӣ ва ё сирри тавассути қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, дигар иттилооте, ки агар вай ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандро паст мезанад, роҳ гузошта намешавад.

Ба тавзеҳоти маълумотҳо аз хусуси шахсияти шаҳрванд, ки ба муроҷиатнома дахлдор нест, роҳ гузошта намешавад.

Мувофиқи таклифи шаҳрванд ягон маълумот дар хусуси шахсияти он ба эълон кардан мансуб нест.

**Моддаи 14. Кафолати бехавфии шаҳрвандон ба муносибати муроҷиатномаи ў**

Тазйиқ овардан ба шаҳрван, аъзои оилаи вай ба муносибати муроҷиаташ ба мақомоти давлатӣ ба мақсади ба рўи об баровардани ҳифзи ҳуқуқҳо, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ роҳ гузошта намешавад.

## III. Тартиби додани ариза, таклиф ва шикояти шаҳрвандон ва баррасии онҳо

**Моддаи 15. Тартиби додани ариза, таклифу шикоят**

Ариза, таклифу шикоятро шаҳрвандон бевосита ба мақомоти давлатие, ки ҳаллу фасли масъалаи пешгузошта ба ваколати он мансуб аст ва ё ташкилоти болоӣ аз рўи тобеият дода мешавад.

Шаҳрвандон шахсан ба додани ариза, таклифу шикоят, ҳамчунин дар ин бобат хабардор кардани намояндаи худ, фиристодани он ба воситаҳои ахбори оммавӣ ҳуқуқ доранд. Баҳри манфиатҳои ноболиғон, шахсони аз ҷиҳати ақл носолим ариза, таклифу шикоятро аз номашон намояндагони онҳо мувофиқи тартибе дода метавонанд, ки қонунгузорӣ муайян кардааст.

Ба ариза, таклиф, шикоят қароре (ё нусхаи он), ки дар дасти шаҳрвандон мебошаду оиди ин масъала пештар қабул гардидааст, ҳамчунин дигар ҳуҷҷатҳое ҳамроҳ карда шуданашон мумкин аст, ки барои баррасӣ кардани ариза, таклифу шикоят зарур мебошанд.

**Моддаи 16. Мўҳлати додани ариза, таклифу шикоят**

Ба додани ариза, таклифу шикоят ба шаҳрвандон мўҳлат муқаррар карда намешавад. Дар мавридҳои ҷудогона мўҳлати додани ариза, таклифу шикоят ба мақомоти дахлдори давлатӣ, агар он бо имконияти мақомот оид ба баррасии ариза таклифу шикоят асоснок гардидаасту барои сари вақт ба рўи об баровардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, таъмини ҳифзи манфиатҳои қонунии онҳо, ҳамчунин дигар асосҳое алоқаманд бошад, ки маҳдуд гардиданаш мумкин аст, ки санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ намудаанд.

Ариза ва ё шикоят ба мақомот мувофиқи тартиби тобеият на дертар аз як сол аз рўзе, вақте ки ба шаҳрванд амалӣ гардондани саъю кўшиш (беҳаракатӣ) ва ё қабули қароре, ки ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ўро халалдор сохтааст, маълум гардидааст, дода мешавад. Мўҳлати бо сабаби узрнок гузаштарафтаро мақомоти давлатие барқарор мекунад, ки ариза ва ё шикоятро баррасӣ менамояд.

**Моддаи 17. Баррасии муроҷиати шаҳрвандон**

Муроҷиати шаҳрвандон, ки ба мақомоти давлатӣ расидааст, аз ҷониби ин мақомот ва ё шахси мансабдоре, ки ба зиммаи вай баррасии муроҷиати шаҳрвандон гузошта шудааст, дида баромада мешавад.

Муроҷиати шаҳрвандоне, ки ба мақомоти давлатӣ ирсол гардидаанду ваколати ў ба ҳаллу фасли масъалаи пешгузошта мансуб нест, дар мўҳлати на кам аз панҷ рўз ба мақомоти дахлдор фиристода ва дар ин хусус шаҳрванд бохабар карда мешавад. Беасос додани муроҷиати шаҳрвандон ба баррасии дигар мақомоти давлатӣ ва фиристодани он ба ихтиёри мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он манъ карда мешавад, ки аз болои қарору беҳаракатии он шикоят карда шудааст. Агар муроҷиати шаҳрвандон маълумоти заруриро барои ирсол кардан ба мақомоти дахлдор молик набошад, дар он сурат ба шаҳрванд баробари тавзеҳ доданни он баргардонда мешавад.

Дар мавриди сар задани зарурат ба маълумотҳои иловагӣ, маълумотнома ва маводҳо барои ҳаматарафаву мушаххас ҳаллу фасл кардани муроҷиати шаҳрвандон шахсони мансабдори мақомоти давлатие, ки ин муроҷиатро баррасӣ мекунанд, метавонанд иттилооти иловагиро ҷамъ оваранд.

Дар мавриди зарурат мақомоти давлатие, ки муроҷиати шаҳрвандро баррасӣ мекунад, бояд дида баромадани онро баробари рафтан ба маҳал таъмин созад.

Дар мавридҳои ҷудогона, ҳини номумкин будани баррасии муроҷиат бидуни иштироки муроҷиаткунанда ва ё шахси дигар, онҳо аз тарафи шахсони мансабдори давлатӣ даъват шуданашон мумкин аст.

Ба қарор дар бораи муроҷиати шаҳрвандон сарвар ва ё шахси мансабдори ваколатдоргардидаи мақомоти давлатӣ имзо мегузорад.

Агар ҳини ҳаллу фасли масъалаҳое, ки дар ариза, таклифу шикоят баён гардидаанд, зарурати санҷиши фаъолияти хоҷагидории субектҳо пайдо гардад, дар он сурат вай мувофиқи қонунгузорӣ ба рўи об бароварда мешавад.

**Моддаи 18. Мўҳлати баррасии муроҷиати шаҳрвандон**

Таклифи шаҳрванд дар мўҳлати то як моҳи рўзи расидани он, ба ғайр аз таклифҳое, ки омўзиши иловагиро тақозо доранд баррасӣ карда мешаванд. Дар ин бора шахсе дар бадали даҳ рўз бохабар карда мешавад, ки таклифро пеш гузоштааст.

Ариза ва ё шикоят то як моҳи рўзи ворид гардидани он ба мақомоти давлатӣ, ки масъаларо аз рўи моҳият ҳаллу фасл менамояд, дида баромада мешавад. Агар он омўзишу тафтиши иловагиро талаб накунад, дар он сурат на кам аз понздаҳ рўз ҳаллу фасл мегардад.

Дар мавридҳое, вақте ки барои баррасии ариза ва ё шикоят гузарондани тафтиш зарур аст, маводҳои иловагӣ талаб карда мешавад, ё худ андешидани дигар тадбирҳо зарур аст, мўҳлати баррасӣ кардани ариза ва ё шикоят ба таври истисно аз тарафи сарвари мақомоти давлатӣ, на камтар аз як моҳ дароз гардиданаш мумкин аст. Дар ин бора шахсе, ки ариза ва ё шикоят додааст, бохабар карда мешавад.

## IV. Ҳуқуқи шаҳрвандон ва ўҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ҳини баррасии муроҷиат

**Моддаи 19. Ҳуқуқи шаҳрвандон барои иштироки шахсӣ ҳини баррасии муроҷиат**

Ҳангоми баррасии муроҷиат аз тарафи мақомоти давлатӣ шаҳрванд барои гирифтани иттилоот аз хусуси рафти баррасии муроҷиат, шахсан баён кардани хулосаҳо, додани тавзеҳот, ошно гардидан бо маводи тафтиши муроҷиат ва натиҷаҳои баррасӣ, пешкаш кардани маводи иловагӣ ва ё талаб кардан дар бобати гирифтани он аз дигар мақомот, истифода бурдани хизмати адвокат ва ё намояндаи худ ҳуқуқ дорад.

Шахсони мансабдори мақомоти давлатие, ки муроҷиатро баррасӣ мекунанд, ўҳдадор ҳастанд шаҳрвандонро бо имконияти ошноӣ бо ҳуҷҷатҳо, қарорҳо, дигар маводҳое таъмин созанд, ки ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳифз менамоянд.

**Моддаи 20. Тадбирҳое, ки ҳангоми баррасии муроҷиати шаҳрвандон андешида мешаванд**

Мақомоти давлатӣ ҳангоми баррасии муроҷиати шаҳрвандон ўҳдадоранд фавран тадбирҳоро оид ба пешгирӣ кардани амалиёти ғайриқонунӣ (беҳаракатӣ) ошкор сохтани сабаб ва шартҳое, ки ба халалдор гардидани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мусоидат кардаанд, тазйиқи шаҳрванд ба муносибати муроҷиаташон мувофиқи тартиби муқарраргардида андешад.

**Моддаи 21. Ўҳдадориҳои мақомоти давлатие, ки муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ мекунанд**

Мақомоти давлатие, ки муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ мекунанд, ўҳдадоранд дар шакли хаттӣ аз хусуси натиҷаҳои баррасӣ ва моҳияти қарори қабулгардида хабардор созанд.

Шахсони мансабдори мақомоти давлатие, ки қарорро аз хусуси ариза ва ё шикоят қабул кардаанд, ўҳдадор ҳастанд тартиби сабабҳои қарори қабулгардидаро тавзеҳ диҳанд, ки шаҳрвандон ба он розӣ нестанд.

Мақомоти давлатие, ки муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ кардааст, шахсони мансабдори онҳо ўҳдадор ҳастанд, ки иҷрои рафти қарорро, ки аз рўи натиҷаи муроҷиати шаҳрвандон қабул гардидааст, назорат намоянд, ҳамчунин тадбирҳоро аз рўи қонунан ситондани зарар ва ҷубронпулии маънавӣ, агар он ба шаҳрвандон дар натиҷаи халалдор гардидани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонуниашон расидааст, андешанд.

**Моддаи 22. Таҳлили корҳо оиди муроҷиати шаҳрвандон**

Мақомоти давлатие, ки муроҷиати шаҳрвандонро баррасӣ мекунанд, мувофиқи тартиби муқарраргардида ариза, таклиф ва шикоятро ба мақсади сари вақт ошкор сохтан ва барҳам задани сабабҳое, ки боиси халалдор гардидани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҳамчунин манфиати ҷамъияту давлат гардидаанд, умум мегардонад ва таҳлил мекунад.

## V. Ҷавобгарӣ барои халалдор шудани қонунгузории муроҷиати шаҳрвандон

**Моддаи 23. Назорат аз болои иҷрои қонунгузории муроҷиати шаҳрвандон**

Назорат аз болои иҷрои қонунгузории муроҷиати шаҳрвандонро дар ҳадди ваколати худ мақомоти ҳокимияту идораи давлатӣ ба рўи об мебароранд.

**Моддаи 24. Ҷавобгарии шахсони мансабдор барои халалдор гардидани қонунгузории муроҷиати шаҳрвандон**

Беасос даст кашидан аз қабулу баррасии муроҷиати шаҳрвандон, бесабаб халалдор кардани мўҳлати баррасии он, қабули қарор бар хилофи қонун, таъмин накардани барқароркунии ҳуқуқҳои халалдоршудаи шаҳрвандон ва иҷрои қарор ба муносибати муроҷиати шаҳрвандон қабул гардидааст,беасос саркашӣ кардан оиди ба шаҳрванд пешкаш намудани имконияти ошноӣ бо ҳуҷҷатҳо, қарорҳо ва дигар маводҳое, ки ба ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо дахлдоранд, ё худ ошкор сохтани маълумотҳо аз хусуси ҳаёти шахсии шаҳрвандон бидуни розигии онҳо, тазйиқ овардан ба шаҳрвандон ба муносибати муроҷиаташон, ҳамчунин дигар қонуншикании қонунгузории муроҷиати шаҳрвандон ба ҷавобгарӣ мувофиқи қонун мансуб аст.

**Моддаи 25. Баровардани қусури зарари шаҳрвандон ба муносибати халалдор шудани талабҳои қонун ҳангоми баррасии ариза ва ё шикояти онҳо**

Дар мавриди қонеъ гардондани ариза ва ё шикояти шаҳрвандон мақомоти давлатие, ки қарори ғайриқонуниро аз рўи он қабул кардааст, ба шаҳрвандон қусури зарари расондаашро аз рўи додану баррасии ариза ва ё шикоят, хароҷотҳоеро, ки ба муносибати сафар кардан ба маҳал барои баррасии ариза ва ё шикоят аз рўи талаби мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ гардондааст ва музди меҳнати дар ин вақт барабасрафтаашонро мепардозад. Мувофиқи тартиби судӣ ба шаҳрвандон ҷубронпулӣ, ҳамчунин зарари маънавӣ ҳам дода шуданашон мумкин аст.

Маблағе, ки мақомоти давлатӣ ба додани қусури зарари шаҳрвандон ба муносибати халалдор гардидани талабҳои қонун ҳангоми баррасии ариза ва ё шикоят сарф кардааст, аз шахси мансабдори айбдор бо тартиби регресс ситонда шуданаш мумкин аст.

**Моддаи 26. Ҷавобгарии шаҳрвандон барои додани ариза, таклиф ва ё шикоят, ки ҷиҳати ғайриқонунӣ доранд**

Аз тарафи шаҳрвандон пешкаш кардани ариза, таклиф ва ё шикоят, ки аз тўҳмату ҳақорат иборат аст, мувофиқи тартиби муқарраргардида ба ҷавобгарӣ мансуб аст.

**Моддаи 27. Баровардани қусури хароҷот ҳангоми тафтиши муроҷиати шаҳрвандон, ки дар худ маълумотҳои бардурўғро доранд.**

Хароҷоте, ки мақомоти давлатӣ ба муносибати тафтиши муроҷиате, ки маълумотҳои бардурўғро моликанд, сарф мекунанд, бо қарори суд аз шаҳрвандон ситонда шуданашон мумкин аст.

**Моддаи 28. Ҳаллу фасли баҳсу мунозираҳо**

Баҳсу мунозираҳо аз хусуси баровардани қусури зарар ва ҷубронпулии зарари маънавӣ ба муносибати муроҷиати шаҳрвандон мувофиқи тартиби судӣ ҳаллу фасл мегарданд.

# ГЭС - и Тўпаланг — иншооти муҳим

Муаммои обу барқ дар ҷумҳурии мо аз проблемаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар зимн ҳалокати баҳри Орол аз масъалаҳои доғи рўз ба ҳисоб меравад. Пур намудани ҳавзаҳои он кори саҳл нест. Муаммоест дар назди шаҳрвандони ин манотиқ.

Соли 1982 дар яке аз шохобҳои дарёи Ому дар дарёи Тўпаланг шурўъ намудан ба сохтмони обанбори ғунҷоишаш 500 метри мукааб об аҳамияти муҳим дошт. Ҳоло дар ин мавзеъ баҳри бинои ин иншоот корҳо дар авҷанд. Чанде қабл аз ин, паёмнигори мо бо сардори сарраёсати маъмурияти обамбори дарёи Тўпаланг **Ниёз Абдусаматович Тўраев** дар бораи вазъи имрўзаи корҳои сохтмони ин иншооти азим мусоҳиб гашт.

**— Ниёзака, аввало мехостем дар бораи кору фаъолияти ташкилоти худ сохтмони Тўпалангстрой чанде маълумот медодед?**

— Хеле хуб. Аввало, як нуктаро бояд таъкид намуд: бисёр одамон сарраёсати мо ва сарраёсати «Тўпалангстрой» - ро як ташкилот гумон мекунанд: вале ин ду раёсат идораҳои мустақил буда дар якҷоягӣ баҳри бинои ин иншооти бузург дар як ҷабҳа кор мекунем.

Сарраёсати мо асосан сарраёсати «Тўпалангстрой» - ро бо маблағ таъмин мекунад. Сохтмони обанборро таҳти назорат гирифта ҷамъи обро ҳар рўз ҳисоб мекунад. Он ташкилоту муассисаҳое, ки дар ин иншоот кор мекунанд сифати корҳои онҳоеро таҳти назорат дорад. Ба маблағҳои зарурӣ таъмин менамояд. Муҳофизати таъмини иншоотҳо, ободонӣ, кабудизоркунӣ, назорати агрегатҳои барқӣ, сохтмони хонаҳои маъмурӣ низ ба зиммаи ўст.

Чуноне, ки ишора рафт, яке аз вазифаҳои асосии мо таҳти назорати қатъӣ гирифтани сохтмони сарбанд ба ҳисоб меравад. Сарбанд барои сохтмони иншооти барқӣ аҳамияти асосӣ дорад. Алҳол бо ҳамроҳии коргарони «Тўпалангстрой» ва дигар ташкилоту муассисаҳо сарбанди ГЭС то баландии 85 метр расид. Дар ниҳояти кор ин сарбанд 318 метр шуда дарозиаш 866 метр, баландии он 107 метр бояд гардад. Ҳоло беш 100 миллион куб об дар обанбор ҷамъ аст. Вақте ки ин иншоот бо иқтидори пуррааш ба кор медарояд, ҳар сол барои обёрӣ 2 миллион куб дар амбор ҷамъ мешавад. Пас аз ин, нўҳ ноҳияи вилояти Сурхондарё: Узун, Сариосиё, Деҳнав, Шўрчӣ, Бандихон, Шеробод, Музработ, Олтинсой ва Қизириқ бо оби нўшокӣ ва парвариши зироатҳои кишоварзӣ пурра таъмин мегардад.

Бояд дар ин ГЭС чаҳор агрегат ба кор дарояд. Ду агрегати он бо қувваи 72,5 миллион киловат ва ду агрегаташ 15 миллион киловатӣ иқтидор хоҳанд дошт. Мо бо роҳбарони «Тўпалангстрой» Абдулғанӣ Сангинов, сармуҳандис Мурод Тоҷиддинов ҳамеша дар ҳамкорӣ кор мекунем.

**— Ниёз Абдусамадович, чуноне, ки шумо арз кардед, яке аз вазифаҳои асосии сарраёсат ободонӣ барқарор намудани табиати атрофи иншоот аст. То ба ҳол коллективи шумо дар ин бобат чӣ корҳое ба сомон расонидааст!**

Баҳри ин корҳое, ки гуфтем, муовини сарраёсати идора Саидваққос Ҳамроев ном ҷавонмарди меҳнатие муаззаф аст. Бо роҳбарии Саидваққос то ба ин рўз беш аз 6 гектар боғ бунёд ёфт, ки дар он 1900 бех чормағз, себу гелос шинонида шуд. Ҳоло дар он ҷойҳое, ки техникаҳои сохтмонӣ ҳангоми кор вайрон кардаанду растаниҳои он зарар дидаанд, аз нав дар ин ҷойҳо ниҳолҳо мешинонанд. Заминҳои зарардида дубора тахту ҳамвор карда мешаванд.

Баҳри ин кор 61 нафар коргарони мо сафарбар гардиданд. Умед дорем, ки то моҳи июн агрегати аввали ГЭС- ба кор шурўъ намуда, ба мардум хизмат мекунад. Ҳоло мо, сохтмончиён, баҳри ба амал баровардани ин ният аҳлона кор мекунем.

**— Барои сўҳбат ташаккур!**

**Мусоҳиб Нуралии РАҶАБ,**
**паёмнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**



*Пойтахти мамлакат Алкувайт, ки канори онро халиҷи Форс мешўяд.*

# Дирўз—Рўзи миллии Кувайт буд

Давлате, ки, метавон гуфт, бо 95 фоизи содироти нафт ва маҳсулоти нафт зиндагӣ мекунад ва боз чунон зиндагӣ мекунад,ки дар ҷаҳон ба ҳар сари аҳолӣ даромадаш дар ҷои аввал аст ва он кишвар Кувайт ном дорад.

Аҷиб он аст, ки аз 2,2 млн. нафар аҳолии мамлакат танҳо 800 ҳазораш кувайтиҳои бумӣ ҳастанд ва боқимонда аз паи ризқи рўзӣ ба ин мамлакат омадаанд. Ба ғайр аз соҳили халиҷи Форс, ки мамлакати Кувайт ҷойгир аст, боз дар халиҷ нўҳ ҷазираи майда мавҷуд аст, ки марбут ба ин давлат мебошад. Дар маҷмўъ ҳудуди маъмурии Кувайт камтар аз 18 ҳазор метри мураббаъ буда, асосан бо Арабистони Саъудӣ ва Ироқ ҳаммарз аст.

Сохтори сиёсии мамлакат мутлақияти конститутсионӣ буда, давлатро амир роҳбарӣ менамояд. Ў бояд аз насаби Шайх Муборак Ассабоҳ бошад, ки худи вай соли 1977 ба тахт нишастааст. Тибқи низом ворис-валиаҳдро амир таъин менамояд. Аммо ин таъинот бо ризоияти порлумон—Шўрои миллӣ ба амал бояд ояд. Валиаҳд дар навбати худ Девони Вазиронро роҳбарӣ мекунад. Агар интихоботи порлумонӣ дар мамлакат соли 1963 бори аввал ба вуқўъ пайваста бошад, имрўз ба он мардҳо аз синни 21 ва занҳо аз 30 интихоб шуда метавонанд.

Тавре ки гуфтем, маҳсулоти содиротии мамлакат қариб аз нафт иборат аст ва он фоидае, ки аз сармояҳои хориҷиаш ба даст меояд, пас аз даромади нафт дар ҷои дуввум аст.

Нахустин сафоратхонаи худро Кувайт дар минтақа дар Ўзбекистон боз намуд ва соли 2001 Валид Аҳмад Муҳаммад Алкандарӣ сафир таъин гардид. Ҳоло Кувайт ба иқтисодиёти Ўзбекистон сармоя дохил менамояд ва барои афзудани он имконияти зиёде мавҷуд аст.

**Бахтиёр ИБРОҲИМОВ.**

Ду мужда

# Ғамхорӣ ба аҳолӣ

Дар вилояти Тошканд бо гази табиӣ таъмин намудани аҳолӣ, махсусан, деҳаву ширкатҳо порсол диққати махсус доданд. Алалхусус, дар ин бобат ноҳияи Пискент саҳми калон гузошт. Танҳо то охири соли сипаришуда ба 12,5 км. қубури гази табиӣ хобонданду 124 оилаи хоҷагиҳои ба номи Навоӣ ва Аҳмад Дўстбеков бо газ таъмин шуданд.

Бояд гуфт, ки панҷ-шаш сол қабл 20 фоизи сокинони ноҳияи Пискент бо газ таъмин шуда бошанд, алҳол ин рақам ба 80 фоиз расид. Соли равон дар миқёси ноҳия боз ба 20 км. қубури газ хобонданианд.

Бо вуҷуди ин муассисаи «Пискентгазтаъминот» коргаронро ба ду гурўҳ ҷудо кард, то ки суръати кор афзояд.

# Тани солим— ақли солим

Ба қарибӣ дар ҳокимияти вилояти Тошканд бо сарварии ҳоким Умматқул Мирзоқулов дар хусуси беҳтар намудани вазъи варзишгоҳҳо ҷамъомаде ба миён омад. Дар он аз ҷумла, қайд карда шуд, ки дар асоси қарори ҳукумат дар бораи созмон додани Бунёди инкишоф додани варзиши ҷавонони ҷумҳурӣ мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар ҷамъомад қайд карда шуд, ки кўдакони аз синни 7 то 17 ба ҳама гуна варзишҳои солимгардонӣ ҷалб карда шаванд. Дар ин бобат дар вилоят ҳанўз нуқсонҳо ба назар мерасанд, қайд карда шуд дар маҷлис. Аз ин рў, варзишгоҳҳои мактабҳои миёна, коллеҷ, донишгоҳҳои олиро боз беҳтар намудан мебояд.

«Тани солим—ақли солим» мегўянд. Аз ин рў солимгардонии ҷавонон ва калонсолон кори ҳамаву ҳар роҳбари муассиса мебошад.

**Ғ. БЕКНАЗАРОВ.**

Гулчини ахбор

# Сўҳбати Юза

**Сафири Ҷумҳурияти Словакия дар Ўзбекистон Петер Юза дар намояндагии Бунёди Конрад Аденаэр бо журналистон сўҳбат дошт.**

Боиси ин сўҳбат сафари дар назарбудаи роҳбари Словакия ба Ўзбекистон буд, ки дар ҳафтаҳои наздик сурат хоҳад гирифт.

Петер Юза инчунин аз хусуси муносибатҳои иқтисодиву сиёсии байни Ўзбекистону Словакия ва дурнамои он сўҳбат намуд ва таъкид кард, ки сафари роҳбари мамлакати ў ба Ўзбекистон ба ин робитаҳо тобиши нав мебахшад.

# Ҷойгоҳи Курчатов дар техникаи атом

**Семинаре, ки зери унвони «Ҷойгоҳи И.В.Курчатов дар таърихи тараққиёти техникаи атоми Ўзбекистон» дар Пажўҳишгоҳи физикаи ядровии Фарҳангистони улуми Ўзбекистон ба вуқўъ пайваст, ба шарафи садсолагии ин олими машҳур бахшида шуд.**

Дар ин ҷо намоиши аксу ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳаёт ва фаъолияти Игор Василевич Курчатов робита доштанд, инчунин гузошта шуда буданд.

Курчатов, ки ифтихори илми ҷаҳонӣ мебошад, ихтироъ ва рушди барқи атомӣ бо номи ў иртиботи қавӣ дорад. Умуман ба вуҷуд омадани саноати атомӣ ва ҳар соҳае, ки бо ин модда алоқае дошта бошад, бо номи Курчатов сахт вобаста аст.

Давраи фаъолияти илмии ў дар кафедраи физикаи Донишкадаи политехникии Озарбойҷон шурўъ гардида, баъдтар ба Ленинград ба шогирдии олими маъруф А.Иоффе рафтааст. Соли 1960 дар синни 57 Курчатов вафот намудааст.

Аз кормандони собиқадори Пажўҳишгоҳи физикаи атом Лев Гурвич дар баромади худ гуфт, ки Курчатов соли 1955 ба Ўзбекистон омада, дар таъсиси Пажўҳишгоҳи физикаи ядровӣ кўмаки калон расондааст.

Президенти Фарҳангистони улуми ҷумҳурӣ, академик Беҳзод Йўлдошев, сафири Русия дар Ўзбекистон Дмитрий Рюриков, академик Шавкат Воҳидов ва профессор Умар Солеҳбоев аз хусуси фаъолияти илмӣ ва ҳаёти наҷиби Курчатов нақлҳо карданд.

**Т.ИКРОМОВ.**

